# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
# ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дар бораи нишони сарисинагии
«Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ»

Мутобиқи қисми 4 моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

Низомнома дар бораи нишони сарисинагии «Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

ш.Душанбе
7 майи соли 2024
№ 824

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
# ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

О нагрудном знаке
«Почётный работник высшего органа государственного аудита»

В соответствии с частью 4 статьи 26 Закона Республики Таджикистан «О Счётной палате Республики Таджикистан» п о с т а н о в л я ю:

Утвердить Положение о нагрудном знаке «Почётный работник высшего органа государственного аудита» (прилагается).

Президент
Республики Таджикистан Эмомали Рахмон

г. Душанбе
7 мая 2024 года
№ 824

Ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз « 7 » майи соли 2024, №824 тасдиқ шудааст

# Низомнома
## дар бораи нишони сарисинагии «Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ»

1. Бо нишони сарисинагии «Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ» (минбаъд - нишони сарисинагӣ) кормандони мақоми олии аудити давлатӣ, ки дар рушди ин мақом саҳми арзандаи худро гузошта, ба нишондиҳандаҳои хуби корӣ ноил гардидаанд ва уҳдадориҳои хизматиро дар сатҳи намунавӣ иҷро карда, на камтар аз 5 сол дар мақоми олии аудити давлатӣ фаъолият намудаанд, сарфароз гардонида мешаванд.

2. Бо нишони сарисинагӣ барои хизмат дар соҳаи аудити берунаи мустақили давлатӣ, инчунин шахсони дигар низ сарфароз гардонида мешаванд.

3. Тартиби пешниҳод барои бо нишони сарисинагӣ сарфароз гардонидани корманди мақоми олии аудити давлатӣ ва шахсони дигар аз тарафи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

4. Қарор дар бораи бо нишони сарисинагӣ сарфароз гардонидан бо фармоиши раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси протоколи ҷаласаи ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешавад.

5. Сарфарозгардонӣ бо нишони сарисинагӣ аз тарафи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ дар вазъияти тантанавӣ анҷом меёбад.

6. Корманди бо нишони сарисинагӣ сарфарозгардидаи мақоми олии аудити давлатӣ, ки ҷинояти қасдона содир кардааст, бо пешниҳоди сардори воҳиди сохтори дахлдори дастгоҳи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи протоколи ҷаласаи ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишони сарисинагӣ маҳрум карда мешавад.

7. Шахсони дигар, ки бо нишони сарисинагӣ сарфароз гардидаанд, дар ҳолати содир кардани ҷинояти қасдона бо пешниҳоди раиси

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишони сарисинагӣ маҳрум карда мешаванд.

8. Сарфароз гардонидани кормандони мақоми олии аудити давлатӣ ё маҳрум намудани онҳо аз нишони сарисинагӣ дар дафтарчаи меҳнатии корманд сабт карда мешавад.

9. Нишони сарисинагӣ аз тарафи рости сина пас аз мукофотҳои давлатӣ ва дар ҳолати набудани онҳо, дар ҷойи онҳо овехта мешавад.

10. Кормандони мақоми олии аудити давлатӣ ва шахсони дигар бо нишони сарисинагӣ такроран сарфароз гардонида намешаванд. Ҳангоми гум кардани нишони сарисинагӣ ва (ё) шаҳодатномаи он, нусхаи дуюм дода намешавад. Дар ҳолати гум шудани нишони сарисинагӣ маълумотнома дар бораи сарфарозгардонӣ бо он дода мешавад.

11. Тасвир ва тавсифи нишони сарисинагии «Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ» тибқи замимаҳои 1 ва 2 муайян карда мешаванд.

Замимаи 2
ба Низомнома дар бораи нишони
сарисинагии «Корманди фахрии
мақоми олии аудити давлатӣ»

Тавсифи нишони сарисинагии
«Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ»

1. Нишони сарисинагии «Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ» (минбаъд - нишони сарисинагӣ) аз ситораи ҳафтгӯша ва унсури рӯйкашӣ дар марказ, нишони даврашакли рангаш зарҳалӣ иборат буда, дар дохили он офтоб, харита, уқоб, сипар ва сандуқ тасвир ёфтааст.

2. Андозаи нишони сарисинагӣ 40x40 мм буда, аз хӯлаи биринҷии бо зарҳал пӯшонидашуда тайёр карда шудааст, ки ғафсиаш 2,5 мм мебошад.

3. Дар қисми болоии нишон тасмаи рангаш сурх бо навиштаҷоти «КОРМАНДИ ФАХРИИ» ҷойгир аст.

4. Дар маркази он нишони Мақоми олии аудити давлатӣ гузошта шуда, бо ранги зарҳалӣ пур карда шудааст, дар дохили он офтоб, харита, уқоб, сипар ва сандуқ тасвир ёфтааст.

5. Дар қисми поёнии нишон тасмаи сурх бо навиштаҷоти «МАҚОМИ ОЛИИ АУДИТИ ДАВЛАТӢ» ҷойгир аст.

6. Тарафи дигари нишони сарисинагӣ сатҳи ҳамвор дошта, он аз рақамҳои тартибӣ дар шакли барҷаста ва сӯзанак барои часпонидани нишон ба либос насб шудааст.

Утверждено
указом Президента
Республики Таджикистан
от « 7 » мая 2024 года, № 824

Положение
о нагрудном знаке «Почётный работник высшего органа государственного аудита»

1. Нагрудным знаком «Почётный работник высшего органа государственного аудита» (далее - нагрудной знак) награждаются сотрудники высшего органа государственного аудита, внёсшие свой весомый вклад в развитии данного органа и достигшие хороших служебных показателей, выполнившие служебные обязанности на образцовом уровне и проработавшие в высшем органе государственного аудита не менее 5 лет.

2. Нагрудным знаком за службу в сфере независимого внешнего аудита награждаются также и другие лица.

3. Порядок представления к награждению нагрудным знаком сотрудников высшего органа государственного аудита и других лиц утверждается председателем Счетной палаты Республики Таджикистан.

4. Решение о награждении нагрудным знаком оформляется распоряжением председателя Счетной палаты Республики Таджикистан на основании протокола заседания коллегии Счетной палаты Республики Таджикистан.

5. Вознаграждение нагрудным знаком производится в торжественной обстановке Председателем Счетной палаты Республики Таджикистан или его заместителем.

6. Сотрудник, награжденный нагрудным знаком высшего органа государственного аудита, совершивший умышленное преступление, по представлению начальника соответствующего структурного подразделения аппарата Счетной палаты Республики Таджикистан согласно протоколу заседания коллегии Счетной палаты Республики Таджикистан лишается нагрудного знака распоряжением председателя Счетной палаты Республики Таджикистан.

7. Другие лица, награжденные нагрудным знаком, совершившие умышленное преступление, по представлению председателя Счетной палаты Республики Таджикистан лишаются нагрудного знака по решению коллегии Счетной палаты Республики Таджикистан.

8. Награждение сотрудников высшего органа государственного аудита или их лишение нагрудного знака отмечается в трудовой книжке сотрудника.

9. Нагрудной знак закрепляется с правой стороны груди после государственных наград, а в случае их отсутствия, вместо них.

10. Работники высшего органа государственного аудита и другие лица повторно нагрудным знаком не награждаются. В случае потери нагрудного знака и (или) его удостоверения, дубликат не выдаётся. В случае утраты нагрудного знака выдается справка о его награждении.

11. Изображение и описание нагрудного знака «Корманди фахрии мақоми олии аудити давлатӣ» определяются в соответствии с приложениями 1 и 2.

Приложение 2
к Положению о нагрудном знаке
«Почётный работник высшего
органа государственного аудита»

## Описание нагрудного знака
## «Почётный работник высшего органа государственного аудита»

1. Нагрудной знак «Почётный работник высшего органа государственного аудита» (далее – нагрудной знак) представляет собой семигранную звезду с граненным элементом в центре, округленным знаком позолоченного цвета, внутри которой изображены солнце, карта, орёл, щит и сундук.

2. Диаметр нагрудного знака 40х40 мм, изготовленный из бронзового металла с позолоченным покрытием толщиной 2,5 мм.

3. В верхней части знака расположена красная лента с надписью «КОРМАНДИ ФАХРИИ».

4. В центре знака изображена символика Высшего органа государственного аудита, написанная позолоченным цветом, внутри которого изображены солнце, карта, орёл, щит и сундук.

5. В нижней части знака расположена красная лента с надписью «МАҚОМИ ОЛИИ АУДИТИ ДАВЛАТӢ».

6. Оборотная сторона нагрудного знака имеет гладкую поверхность, на которой рельефно высечен порядковый номер и расположена заклепка для прикрепления знака к одежде.

Замимаи 1
ба Низомномаи нишони
сарисинагии «Корманди фахрии
мақоми олии аудити давлатӣ»



ТАСВИРИ НИШОНИ
САРИСИНАГИИ «КОРМАНДИ
ФАХРИИ МАҚОМИ ОЛИИ
АУДИТИ ДАВЛАТӢ»

Приложение 1
к Положению нагрудного знака
«Почётный работник высшего
органа государственного аудита»



ИЗОБРАЖЕНИЕ НАГРУДНОГО ЗНАКА
«ПОЧЁТНЫЙ РАБОТНИК ВЫСШЕГО
ОРГАНА ГОСУДАРСТВЕННОГО АУДИТА»

РАИСИ
ПАЛАТАИ ҲИСОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аҳмадзода Ф.З.
Сараудиторон
Сардорони воҳидҳои сохторӣ
Барои маълумот, корбарӣ
ва таъмини татбиқ.

Қ.Чиллазода

№22

"14" 05 2024